آواز تاجیک
Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

31 майи соли 2025
Шанбе
№ 44 (15159)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# САМТҲОИ УСТУВОРИ ҲАМКОРӢ ДАР ФОРМАТИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТАЛИЯ» МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 30 май бо сафари корӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон ташриф овард.**





Дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Остона Сарвари давлати моро Сарвазири Қазоқистон Олжас Бектенов ва дигар шахсони расмӣ истиқбол карданд.

Ҳамон рӯз Сарвари давлати мо дар ҳамоиш дар формати «Осиёи Марказӣ – Италия» иштирок намуд.

Дар чорабиние, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Ҷомарт Тоқаев баргузор шуд, инчунин Сарвазири Ҷумҳурии Италия Ҷорҷа Мелонӣ, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ширкат варзиданд.

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории ҳамаҷонибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Италия баррасӣ шуданд. Ба масъалаҳои рушди шарикӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ ва технология, иқтисодиёти «сабз», инчунин татбиқи барномаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи хос дода шуд.

Дар оғози суханронии худ сарвари давлат таъкид кард, ки ҷониби Ӯзбекистон ин чорабиниро дар ҷанбаи тавофуқот оиди шарикии стратегии Осиёи Марказӣ бо Аврупо, ки моҳи апрели соли ҷорӣ дар ҳамоиши Самарқанд ҳосил гардида буд, арзёбӣ мекунад.

Мавҷуд будани рӯҳияи рушди ҳамкории сермаҳсули амалӣ дар ин формат, бо назардошти иқтидори технологӣ, саноатӣ ва зеҳнии кишварҳоямон таъкид гардид.

Зарурати ин минбари муколамаи бисёрҷониба бо Италия дар пасманзари вазъияти муосири ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, пурзӯр шудани таҳдидҳои умумии амниятӣ ва рушди босуръат боз ҳам афзун мегардад.

Дар ин замина таърихи бисёрасраи робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии минтақа бо Италия ҳамчун заминаи боэътимод барои шарикии васеъмиқёс дар ин марҳила хидмат мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НИШАСТИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТАЛИЯ»

Муҳтарам, роҳбарони ҳайатҳо!

Ба суханони миннатдорӣ, ки ба шарафи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев барои ташкили нишаст дар сатҳи олӣ ва меҳмондӯстии анъанавӣ иброз гардиданд, ҳамроҳ мешавам.

Бори дигар ба Раиси Шӯрои Вазирони Италия, хонуми муҳтарам Ҷорҷа Мелонӣ барои ташаббус дар бораи гузарондани мулоқоти имрӯза ташаккур мегӯям.

Мехоҳам таъкид намоям, ки мо ин анҷуманро натиҷаи тавофуқҳо дар бораи шарикии стратегӣ миёни минтақаи Осиёи Марказӣ ва Аврупо медонем, ки дар нишасти ахири Самарқанд ба даст омадаанд.

Ҷониби Ӯзбекистон тасмим гирифтааст, ки ҳамкориҳои самарабахши амалиро дар ин формат, пеш аз ҳама, бо назардошти иқтидори технологӣ, саноатӣ ва зеҳнии мамлакатҳоямон ривоҷ диҳад.

Муҳтарам, иштирокдорони нишаст!

Рӯзномаеро, ки барои мулоқоти мо пешниҳод гардидааст, комилан дастгирӣ мекунам.

Дар шароити воқеияти кунунии равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, дар замоне, ки таҳдидҳои умумӣ ба амният ва рушд пурзӯр мешавад, роҳандозӣ кардани майдони муколамаи бисёрҷонибаро бо Италия хеле зарур меҳисобам.

Мехоҳам алоҳида қайд намоям, ки мамлакатҳои моро таърихи чандинасраи равобити тиҷорӣ ва фарҳангӣ мепайвандад. Аввалин мубодилаи дипломатӣ ба давраи шоҳигарии Кӯшониён ва замони ҳукмронии император Август рост меояд. Ҳазорон сол муқаддам солноманависон, шоир ва мутафаккирон сатҳи баланди тараққиёти тамаддуни шаҳрҳои моро қайд карда буданд.

Боз як далел: аз асри XII сар карда, олимони итолиёӣ осори бебаҳои Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ ва Абӯалӣ Ибни Синоро омӯхтаанд ва тарҷума кардаанд. Нусхаҳои нодири асарҳои Абӯнаср Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Махтумқулӣ Фироқӣ ва дигар мутафаккирони бузург, ки дар минтақаи мо ба камол расидаанд, дар китобхонаҳои Италия ҳифз мешаванд.

Чунин таърихи ғании муносибатҳои мо барои шарикии ҳамаҷониба дар марҳилаи нав ҳамчун заминаи мустаҳкам хидмат мекунад.

Хамкасбони муҳтарам!

Мехостам назари худро дар бораи паҳлуҳои устувори ҳамкорӣ дар формати «Осиёи Марказӣ – Италия» мухтасар пешниҳод намоям.

**Дар соҳаи сиёсӣ** ҷонибдори идомаи мулоқотҳои доимӣ дар сатҳи идораҳои сиёсии хориҷӣ ҳастем. Дар рӯзномаи байналхалқӣ як қатор масъалаҳои муҳиме мавҷуданд, ки ҳамоҳангсозии байниҳамдигарӣ ва муносибатҳои мувофиқро тақозо мекунанд.

Мо саъю кӯшиши фаъоли Сарвазири Италия, хонуми муҳтарам Мелониро барои зудтар оғоз намудани гуфтушуниди мустақим оиди бо роҳи осоишта рафъ сохтани вазъи атрофи Украина истиқбол менамоем.

Барои назари шумо оид ба мушкилоти Ховари Миёна ва дурнамои ҳамкорӣ бо Афғонистон миннатдорӣ баён мекунам.

Дирӯз дар Самарқанд мо ин масъалаҳои нозукро батафсил муҳокима кардем ва ҳамонанд будани бархурдҳоямонро таъкид намудем.

Пешниҳод менамоям, ки дар мубориза бо терроризм, экстремизм, радикализм, қочоқи маводи мухаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ механизмҳои кории шарикии бисёрҷониба ва табодули иттилоот байни хадамоти махсусро роҳандозӣ намоем.

Ёдовар мекунам, ки **дар соҳаи иқтисодиёт** дар се соли охир ҳаҷми савдои мутақобила ва сармоягузорӣ миёни Ӯзбекистон ва Италия қариб се баробар афзоиш ёфтааст.

Якҷоя бо ширкатҳои пешрафтаи Италия лоиҳаҳои ҳамкориҳои технологӣ татбиқ мешаванд.

Бо назардошти мавқеъи анъанавии устувори ҷомеаи корчаллонҳои Италия дар рушди инноватсионии мамлакат, пешниҳод менамоем, ки таҳти сарпарастии палатаҳои савдо ва саноат майдони доимӣ барои муколамаи тиҷоратӣ – Клуби корчаллонҳои «Осиёи Марказӣ – Италия» таъсис дода шавад. Ҳамасола дар пойтахтҳои мамлакатҳои мо баргузор гардидани чунин мулоқотҳо бо иштироки васеи соҳибкорон, мумкин аст барои ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорат ва сармоягузорӣ имкониятҳои нав фароҳам оварад.

Мо инчунин таҳия ва қабул гардидани Барномаи ҳамкории саноатӣ ва технологии бисёрҷанбаро хеле муҳим меҳисобем. Дар ин маврид, сухан дар бораи трансфери технологияҳо, ҷорӣ кардани донишҳои пешқадам ва беҳтарин таҷрибаҳо, ташаккули шароити мусоид барои офаридани корхонаҳои саноатии дорои технологияи баланд меравад.

Бо назардошти таҷрибаи мавҷудаи бомуваффақият, коркарди амиқи захираҳои маъданӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ, истеҳсоли таҷҳизоти муосир барои саноати электротехникӣ, кимиёвӣ, нассоҷӣ, чарму пойафзор, хӯроквории ва дигар соҳаҳои коркард, маҳаллисозии қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти саноатӣ, ташкили марказҳои тарроҳӣ дар ҳамкорӣ бо брендҳои пешқадами Италия метавонад ба самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ табдил ёбанд.

Барои татбиқи лоиҳаҳои молики аҳамияти минтақавӣ дар ҳудуди Тошканд таҳти роҳбарии оператори аврупоӣ корҳо оид ба ташкили парки махсуси саноатӣ оғоз гардиданд.

Барои дастгирии лоиҳаҳои ҳамкорӣ ҷалб намудани агентиҳои давлатии «SACE» ва «SIMEST»-и Италия, инчунин фондҳои муштараки сармоягузориро зарур мешуморем.

Мо ба ҳамкории самарабахш бо ҳукумати Италия дар соҳаи дигаргунсозии «сабз» баҳои баланд медиҳем. Умед дорем, ки тавассути ба кор даровардани платформаи бисёрҷониба, ки барои мусоидат ба иҷрои барномаҳои миллӣ оид ба коҳиш додани истеҳсоли газҳои зарарнок нигаронида шудааст, шарикии ҳамаҷонибаро рушд медиҳем.

Бо ҷалби истеҳсолкунандагон ва ширкатҳои муҳандисии пешқадами Италия барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергияи баркароршаванда, аз ҷумла интиқоли нерӯи «сабз» ба мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, аудит ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии корхонаҳо, навсозии объектҳои инфрасохтори обӣ ва рушди технологияҳои гидрогенӣ омода ҳастем.

**Дар соҳаи гуманитарӣ** мехостам фаъолияти босамари филиалҳои донишгоҳҳои политехникии Турин ва Пизаро дар Тошканд, ки барномаҳои таълимии худро дар сатҳи назаррас густариш медиҳанд, алоҳида таъкид намоям. Торафт афзудани таваҷҷуҳи дигар муассисаҳои таълими олии пешқадами Италияро ба минтақаи мо истиқбол менамоям.

Барои офаридан ва маблағгузорӣ кардани коркардҳои илмӣ дар самтҳои муҳандисӣ, тарҳрезӣ, ҳифзи об ва биотехнология, барномаи табодули академӣ ва омодасозии кадрҳо ташаббуси таъсиси Консорсиуми илмию таълимии «Осиёи Марказӣ – Италия»-ро пешбарӣ менамоем.

Барои роҳандозии робитаҳои шарикӣ байни операторони пешбар ва офаридани маҳсулоти муштараки сайёҳӣ аз таъсиси як иттиҳоди сайёҳӣ манфиатдор хоҳем буд.

Намоишгоҳ ва чорабиниҳои фарҳангӣ, ки чанде пеш дар шаҳрҳои Рим ва Флоренсия гузаронида шуд, бояд гуфт, ки дар дӯстони итолёии мо шавқмандии зиёдро пайдо кард.

Ба ин муносибат, пешниҳод менамоям, ки соли оянда дар Хива Форуми ҷавонон оид ба иқтисодиёти созанда ва табодули фарҳангии мамлакатҳои минтақа ва Италия гузаронида шавад.

Муҳтарам, роҳбарони ҳайатҳо!

Дар анҷоми суханронии худ мехоҳам бори дигар содиқ будани Ӯзбекистонро ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва бисёрҷониба дар формати «Осиёи Марказӣ – Италия» изҳор намоям.

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ҶАШНИ ИДИ МУБОРАКИ ҚУРБОН

Бо назардошти аҳамияти рӯзафзуни Иди муборaки Қурбон, ки тимсоли фазилатҳои наҷиби мардуми мо, аз қабили меҳру оқибат, инсондӯстӣ, шукргузорӣ, саховатмандӣ ва таҳаммулпазирӣ буда, тӯли асрҳо дар ҳаёти маънавии мо нақши муҳим бозидааст, дар шароити имрӯза, ки равандҳои бунёди давлати иҷтимоӣ дар Ӯзбекистони Нав ба марҳилаи ниҳоӣ ворид мешавад, инчунин, бо мақсади ҳамаҷониба сазовор истиқбол намудан ва гузаронидани ин айёми муборак, ҳифз кардан ва арҷ гузоштан ба арзишҳои милливу динӣ **қарор мекунам**:

1. Ахбори Идораи мусулмонони Ӯзбекистон дар бораи дар соли 2025 ба санаи **6 июн — ҷумъа** рост омадани рӯзи аввали иди Қурбон чун маълумот қабул гардида, **6 июн** дар мамлакат **ҳамчун Рӯзи иди Қурбон** васеъ ҷашн гирифта шавад.

2. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ ҷиҳати муносиб пешвоз гирифтани иди Қурбон, барои кормандоне, ки ҳафтае шаш рӯз кор мекунанд, **7 июни** соли 2025 (**шанбе**) рӯзи иловагии истироҳатӣ муқаррар карда шавад.

3. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, Кумитаи оид ба корҳои дин, Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон, Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ якҷоя бо ташкилотҳои ҳамкор барои **дар ҳамоҳангӣ бо анъана ва арзишҳои миллии** халқи мо гузаронидани иди муборaки Қурбон дар минтақаҳо чораҳои дахлдор андешанд.

4. Кумитаи сайёҳӣ якҷоя бо Вазорати нақлиёт барои **ташкили зиёрат ба зиёртагоҳҳои муқаддас ва қадамҷойҳои таърихӣ** барои ҳамватанон дар рӯзҳои **иди Қурбон шароиту имкониятҳои мусоид** фароҳам оваранд.

5. Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба таҷлили иди Қурбонро васеъ инъикос намоянд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Р.Қ.Давлетов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД,*
*30 майи соли 2025.*

# АГАР СОҲИБКОР ШАХСОНИ ДОРОИ МАЪЮБИРО БА КОР ГИРАД...

***Дар ҷомеа мафҳуми олӣ бо номи ҳуқуқи инсон мавҷуд аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як инсон ҳуқуқи истифода аз шароит ва имкониятҳои фароҳамро соҳиб аст. Моҳияти давлати иҷтимоӣ, ки мо бунёд менамоем, низ дар ҳамин аст. Яъне, пеш аз ҳама, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои рушди қобилияти инсон ва муҳайё сохтани шароити муносиб барои зиндагии шоиста.***

Тибқи маълумотҳо, айни ҳол дар ҷаҳон беш аз як миллиард нафар шахсони дорои маъюбӣ зиндагӣ мекунанд. Аксари онҳо бинобар мавҷудияти монеаҳои гуногун дар таҳсил, кор ва пайдо карданӣ ҷойгоҳи худ дар ҷомеа бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд.

Албатта, дар самти бартарафсозии мушкилот ва ҳамгироии шахсони дорои маъюбӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ корҳои назаррас анҷом ёфтаанд. Аз ҷумла, дар солҳои охир дар кишвари мо сиёсати давлатӣ дар бораи дастгирии ҳамаҷонибаи шахсони имконияташон маҳдуд ба марҳилаи нав баромад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# АФЗАЛИЯТҲОИ ГУЛКОҒАЗҲОИ 3D ДАР ЧИСТ?

***Вазорати хоҷагии коммуналии хонаву ҷой ва сохтмон дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияи «Ўзсаноатстройматериаллари» ба ҶММ «ИЧАНКИ-ЛонгЁнг»-и ноҳияи Янгийўли вилояти Тошканд сафари матбуотӣ ташкил намуд.***



Чорабинӣ таҳти мавзўи «Маҳсулоти сохтмонии сарфакунандаи энергия - талаби замон» баргузор гардид. Дар он роҳбарону ходимони ширкат, коршиносони соҳа ва намояндагони ВАО иштирок карданд.

Маъмурияти корхона дар суҳбат бо намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ доир ба лоиҳаи сармоягузорӣ, истеҳсоли 3D-панелҳои энергетикӣ ва гулкоғази моеъ, намуд ва сифати маҳсулот, раванди истеҳсолот ва иқтидори содиротӣ маълумот доданд.

Тавре роҳбари корхона Азизҷон Ҳоҷиев таъкид кард, ҷамъияти мазкур соли 2022 таъсис ёфта, бо кишвари Чин лоиҳаи муштарак дорад. Арзиши лоиҳа 3 миллион долларро ташкил медиҳад. Ин корхона ба истеҳсоли гулкоғази 3D ихтисосонида шуда, яке аз корхонаҳои муосир ва инноватсионӣ дар Ўзбекистон ба шумор меравад. Дар ин ҷо 4 миллион метри мураббаъ панелҳои 3D ва 7,5 миллион метри мураббаъ гулкоғази моеъ истеҳсол мекунанд. Гулкоғази 3D аз маҳсулоти пенополиэтиленӣ истеҳсол шуда, нисбат ба гулкоғази анъанавӣ бартариҳои зиёд дорад. Баробари хушсифату аз ҷиҳати экологӣ тоза будан дар худ ширеш низ дорад, ки он хусусияти асоси часпондан ва канданро дороcт. Инчунин, ба он намӣ ва оташ таъсир намерасонад.

– Ҳаҷми истеҳсолот дар як шабонарўз 20 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Барои истеҳсоли гулкоғази деворӣ таҷҳизоти замонавӣ ва маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза истифода мешавад, – иброз дошт муовини роҳбари корхона Санҷарбек Собиров. – Ҳоло дар корхона 3 навъи гулкоғаз бо ғафсии 7 миллиметр – дар шакли рулон, 3,5 миллиметр – панел, 2,5 миллиметр – панели борик истеҳсол мешавад. Зиёда аз 100 намунаи нақши онҳо мавҷуданд. Дар оянда боз истеҳсоли 30 намуди гулкоғаз пешбинӣ шудааст, ки талаботи харидоронро қонеъ мегардонад.

Дар ҷамъият барои аҳолии маҳаллӣ 100 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Маҳсулоти корхона ба стандартҳои байналмилалӣ комилан мувофиқанд.

Алҳол маҳсулоти тайёр ба кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон ва Русия содир мешавад. Қобили зикр аст, ки дар соли 2024 содирот 500 ҳазор долларро ташкил дод. Имсол то ба 1 миллион доллар расондани ин рақам дар назар аст.

Барои маълумот, панелҳои 3D дар зимистон хароҷоти гармидиҳӣ ва дар тобистон хароҷоти хунуккуниро кам мекунанд. Сохтори асосии онҳо гармӣ ва хунукиро нигоҳ медорад.

Дар ҷараёни сафари матбуотӣ намояндагони ВАО дар бораи ашёи хоми панелҳои 3D ва гулкоғази моеъ, технологияҳои муосир, шароит барои кормандон ва нақшаҳоиояндаи корхона маълумот гирифтанд.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ТОШКАНД.*

# САМТҲОИ УСТУВОРИ ҲАМКОРӢ ДАР ФОРМАТИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТАЛИЯ» МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ба масъалаҳои рўзнома дахл карда, сарвари Ўзбекистон дидгоҳи худро оид ба самтҳои устувори ҳамкорӣ дар формати «Осиёи Марказӣ – Италия» баён намуд.

Пеш аз ҳама зарурати идомаи равобити мунтазам дар сатҳи идораҳои сиёсати хориҷӣ барои ҳамоҳангсозии мавқеъҳо дар як қатор масъалаҳои муҳими байналмилалӣ таъкид шуд. Ҳамчунин пешниҳод гардид, ки механизми кори шарикии бисёрҷониба ва мубодилаи иттилооти хидматҳои махсус ҷиҳати мубориза бо терроризм, экстремизм, радикализм, қочоқи маводи мухаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ роҳандозӣ шавад.

Дар соҳаи иқтисодиёт сарвари кишварамон бо қаноатмандӣ афзоиши секаратаи ҳаҷми мол ва сармоягузориҳоро байни Ўзбекистон ва Италия дар тўли солҳои охир зикр намуд. Лоиҳаҳои кооператсияи технологӣ бо ширкатҳои бонуфузи Италия бомуваффақият амалӣ мешаванд.

Бо дарназардошти мавқеи анъанавии қавии ҷомеаи соҳибкории Италия дар рушди инноватсионии кишвар пешниҳод гардид, ки майдончаи доимии муколамаи тиҷоратӣ – Клуби соҳибкории «Осиёи Марказӣ – Италия» таҳти сарпарастии палатҳои савдо ва саноати кишварҳои мо таъсис дода шавад. Чунин мулоқотҳо бо иштироки васеи соҳибкорон ҳамасола дар пойтахтҳои кишварҳои минтақа ва Италия баргузор хоҳанд шуд.

Президенти Ўзбекистон инчунин зарурати таҳия ва қабул намудани Барномаи фарогири бисёрҷонибаи кооператсияи саноатии технологиро таъкид кард, ки ташаккули шароит мусоидро барои интиқоли технологияҳо, ҷорӣ кардани дониш ва таҷрибаи пешрафта, инчунин созмон додани истеҳсолоти саноатии баландтехнологиро пешбинӣ менамояд.

Қайд гардид, ки бо дарназардошти таҷрибаи бомуваффақияти мавҷуда коркарди амиқи захираҳои канданиҳои фоиданок ва ашёи хоми кишоварзӣ, истеҳсоли таҷҳизоти замонавӣ барои соҳаи электротехникӣ, кимиё, бофандагӣ, чармгарӣ, саноати хўрокворӣ ва дигар бахшҳои коркард, маҳаллисозии базаи компонентӣ ва молҳои саноатӣ, таъсиси марказҳои дизайнӣ таҳти идораи брендҳои бонуфузи итолиёӣ метавонанд самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ гарданд.

Сарвари давлати мо изҳор дошт, ки барои татбиқи лоиҳаҳои таъиноти минтақавӣ дар минтақаи Тошканд таҳти идораи оператори аврупоӣ парки махсуси саноатӣ таъсис дода мешавад.

Ҳамзамон аҳамияти ҷалб намудани агентиҳои давлатии Италия SACE ва SIMEST, инчунин фондҳои муштараки сармоягузорӣ барои дастгирии лоиҳаҳои ҳамкорӣ таъкид гардид.

Сарвари Ўзбекистон ба ҳамкории судманд бо Италия дар соҳаи трансформатсияи «сабз» баҳои баланд дода, барои рушди шарикии васеъмиқёс бо роҳи таъсиси платформаи бисёрҷониба даъват намуд, ки барои иҷрои барномаҳои миллии декарбонизатсия мусоидат хоҳад кард.

Ба татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетикаи барқароршаванда, аз ҷумла интиқоли энергияи «сабз» ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, аудит ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии корхонаҳо, навсозии объектҳои инфрасохтори об ва рушди технологияҳои гидрогенӣ бо ҷалби истеҳсолкунандагон ва ширкатҳои муҳандисии пешбари Италия омодагӣ изҳор гардид.

Сарвари давлат фаъолияти сермаҳсули филиалҳои донишгоҳҳои политехникии Турин ва Пизанро дар Тошканд таъкид намуда, таваҷҷуҳи дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Италияро ба минтақа истиқбол кард.

Президенти Ўзбекистон бо ташаббуси таъсиси Консорсиуми илмӣ-таълимии «Осиёи Марказӣ – Италия» барои баргузорӣ ва маблағгузории тадқиқоти илмӣ, барномаҳои мубодилаи академӣ ва омодасозии кадрҳо дар самтҳое чун муҳандисӣ, дизайн, биотехнология ва технологияҳои сарфаи об баромад кард.

Барои таъсиси алянси сайёҳӣ ҷиҳати роҳандозии равобити шарикӣ байни ширкатҳои пешбари сайёҳӣ ва ташкили маҳсулоти муштараки туристӣ изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Бо қаноатмандӣ қайд гардид, ки ҷомеаи Италия ба намоишгоҳҳо ва чорабиниҳои фарҳангии дар Рим ва Флоренсия баргузоргардида таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст.

Дар ин замина пешниҳод шуд, ки соли оянда дар шаҳи Хива Форуми ҷавонони иқтисодиёти креативӣ ва мубодилаи фарҳангии кишварҳои минтақа ва Италия баргузор гардад.

Дар ҳамоиш сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Сарвазири Италия низ суханронӣ карданд. Дар поёни чорабинӣ Изҳороти муштарак қабул гардид.

Бо ҳамин, сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Қазоқистон ба поён расид.

**ЎзА.**

# АГАР СОҲИБКОР ШАХСОНИ ДОРОИ МАЪЮБИРО БА КОР ГИРАД...

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ин раванд барои таъмини ҳуқуқи шахсони дорои маъюбӣ ва амалӣ кардани орзуву ормонҳои онҳо тадбирҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, бо мақсади фароҳам овардани шароити иловагӣ, қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ такмил дода шуд.

Дар натиҷаи чораҳои амалӣ, ки дар ин самт роҳандозӣ шудаанд, ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ дар самтҳои истифода аз имкониятҳои мавҷудаи ҷомеа, ҳаракат кардан, ҳифзи тандурустӣ, таҳсил, шуғл, барқарорсозӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъмин мегарданд.

Дар таҳрири нави Конститутсия муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи шахсони ғайриқобили меҳнат, пирони танҳо, шахсони дорои маъюбӣ ва дигар гурўҳҳои иҷтимоии эҳтиёҷманд таҳти ҳимояи давлат қарор дорад, давлат уҳдадор аст, ки барои аз объектҳо ва хидматрасониҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пурра истифода намудани онҳо шароити зарурӣ муҳайё намояд, дар масъалаи таҳсил ва дарёфти ҷойи кор кумак расонад, инчунин имкони дастрасӣ ба иттилооти заруриро бидуни монеа таъмин кунад. Ин далели он аст, ки манфиати инсон дар кишвари мо ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад.

Бо вуҷуди ин, то ҳол зарурати фароҳам овардани «муҳити бидуни монеа», яъне шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи чунин шаҳрвандон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин такмили низоми таъмини шуғли онҳо вуҷуд дорад.

Агар ҷомеа ин гуна шахсонро тавре, ки ҳастанд, қабул карда, ҳам дар самти таълим ва ҳам шуғл пайваста муносибати баробарро ба роҳ монад, дар чунин давлат кафолати ҳуқуқи инсон ба таври комил таъмин мегардад.

Аз 1 июни соли равон дар Ўзбекистон барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ ва ҷалби онҳо ба ҳаёти ҷомеа қадамҳои муҳим гузошта мешаванд.

Фармони Президенти мамлакат аз 8 май «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба такмили низоми таъмини шуғли шахсони дорои маъюбӣ» ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ аҳамиятнок аст.

Чунки ин ҳуҷҷат барои садҳо ҳамватанони дорои маъюбии мо имконият фароҳам меорад, то ба рушди ҷомеа ҳисса гузоранд ва қобилияти худро ба пуррагӣ нишон диҳанд. Ин, дар навбати худ, ифодаи амалии эҳтиром ба арзиши инсон ва ғамхорӣ нисбат ба шахсони дорои маъюбӣ мебошад.

Фармон дар самти ҷорӣ кардани низоми хидматрасониҳои махсус барои фаъолияти самараноки шахсони дорои маъюбӣ, ба ҷавонони дорои маъюбӣ омўхтани касбҳои муосир ва фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои ворид шудани онҳо ба бозори меҳнат аҳамияти бузург дорад. То анҷоми соли 2025 таъмин кардани шуғли устувор ва даромади муносиби 80 ҳазор шахси дорои маъюбӣ аз миқёси бузурги корҳое шаҳодат медиҳад, ки дар ин самт анҷом дода мешаванд.

Воқеан, дар миёни шахсони дорои маъюбӣ нафароне ҳастанд, ки истеъдоди хуб доранд. Ҳамватанони қобилиятноке ҳастанд, ки бо кори дастӣ асарҳои ҳақиқии санъат меофаранд, бо ғояҳои эҷодкорӣ ва созандагӣ зиндагӣ мекунанд. Агар онҳоро дастгирӣ кунем, барои кор ва нишон додани истеъдодашон шароит муҳайё намоем, садҳо ва ҳазорон соҳибистеъдод кашф хоҳанд шуд. Ин муносибати онҳоро ба зиндагӣ, тағйир дода, эътимодро ба худ мустаҳкам менамояд. Бо ин роҳ онҳо дар ҷомеа ҷойгоҳи худро пайдо хоҳанд кард.

Акнун барои соҳибкороне, ки шахсони дорои маъюбиро, ки мехоҳанд кор карда, ба афзудани даромади хонаводаашон саҳм гузоранд, ба кор қабул мекунанд, имтиёзҳои зиёд пешбинӣ шудааст.

Бар асоси фармон, ба субъектҳои соҳибкорие, ки шахсони гурўҳи I ва II маъюбиро ба кор қабул мекунанд, то 50 миллион сўм субсидия дода мешавад. Ин субсидия барои ҷуброн кардани хароҷоти ташкили хидматрасонии сурдотарҷумон, равоншинос ва шахси ҳамроҳ тақдим мегардад. Ҳамчунин, ба шахсони воқеӣ иҷозат дода мешавад, ки хидматрасонии ҳамроҳиро ҳамчун шахси худшуғл фарогир иҷро кунанд. Дар низоми ягонаи иттилоотии «Ҳимояи миллии иҷтимоӣ» феҳристи электронии шахсони дорои маъюбии қобили меҳнат роҳандозӣ мешавад.

Тавре мебинем, барои шахсони дорои маъюбӣ муҳити беҳтари иҷтимоӣ фароҳам мегардад. Танҳо ташкили хидматрасонии сурдотарҷумон, равоншинос ва шахси ҳамроҳ дар ташкилоте, ки чунин шахсон фаъолият мекунанд, имконияти бузургест барои дастгирии наздик ва ҳамешагии онҳо. Бо ин васила онҳо ба як ҷузъи фаъоли ҷомеа табдил ёфта, таҷриба ва шавқу ҳавасҳои худро инкишоф медиҳанд. Муҳимтар аз ҳама, ин барои вазъияти иқтисодии онҳо фоидаи калон хоҳад овард.

Ин барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони маъюб ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар ба онҳо ҷиҳати иштирок дар ҳамаи паҳлўҳои ҳаёти ҷомеа бидуни табъиз, таъмини баробарӣ бо дигар аъзои ҷомеа, хеле муҳим аст. Ин бешубҳа, ба ҳалли мушкилоти гуногун, ки ба шуғли фарогир (инклюзивӣ) марбутанд, таъсири мусбат мерасонад.

**Равшан ФОЗИЛОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис**

***Ба сатҳи нав баровардани таъминоти маҳсулоти ангишт дар асоси дархости аҳолӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ тавассути платформаи электронии «mycoal.uz» сурат гирифта, равандҳои баррасӣ ва тасдиқи ин дархостҳо бо иштирок ва назорати вазорату идораҳои дахлдор амалӣ мешаванд.***

# ПЛАТФОРМАИ «MYCOAL.UZ»: ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР РАҚАМИКУНОНИИ СОҲА

Дар ин хусус дар нишасти матбуотӣ, ки дар Маркази матбуоти миллӣ баргузор гардид, масъулони Вазорати саноати маъдани кўҳӣ ва геология, Сарпрокуратура ва ҶС «Ўзбеккўмир» иттилоъ доданд.

Дар чорабинӣ муовини вазири маъдани кўҳӣ ва геология Рустам Юсупов, муовини директори ҶС «Ўзбеккўмир» Эркин Ёқубов ва сарпрокурори Прокуратураи ҷумҳурӣ Мансур Рўзимов қайд намуданд, ки рақамикунонии равандҳои истихроҷи ангишт дар конҳои саросари кишвар ва ҷорӣ намудани механизми шаффоф, барои коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ ва фароҳам овардани қулайиҳо барои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад.

Тибқи қарори Девони Вазирон платформаи махсуси «mycoal.uz» – «Системаи автоматикунонидашудаи ташаккули талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ангишт ва тамоми равандҳои аз истихроҷи ангишт то интиқоли ангишт», аз ҷониби ҶС «Ўзбеккўмир» таҳия ва соли 2024 ба кор андохта шуд.

Дар давоми соли гузашта 6500 ҷамоати шаҳрвандон ба портал пайваст ва раванди тасдиқи дархостҳо байни таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон роҳандозӣ шуд. Ҳадафи асосии татбиқи ин система аз муайян кардани талаботи истеъмолкунандагони ҷумҳурӣ ба ангишт, ташаккули нишондодҳои нақшаи солонаи истихроҷ ва таъмини ангишт, равандҳои ангишти истихроҷшуда ва интиқоли он аз анборҳои ангишт аз ҷониби истеъмолкунандагон иборат мебошад.

Ба воситаи портал аризаи 1,5 миллион нафар истеъмолкунандагон барои харидани 2,0 миллион тонна ангишт қабул гардида, ба аҳолӣ зиёда аз 760 ҳазор тонна ангишт расонида шуд. Дар конҳои ангишти «Ангрен» ва «Шарғун» ҷараёнҳоро автоматӣ кунонида, имконияти пайгирии маълумот дар бораи ҳаҷми истихроҷи ангишт дар интернет пайдо шуд.

Тарозуҳое, ки дар раванди чен ва тақсим кардани ангишт ба истеъмолкунандагон истифода мешаванд, автоматӣ кунонда, омили инсонӣ кам карда шуд.

Барои муайян кардани ниёз ба ангишт дар миёни аҳолӣ боти махсуси телеграм низ ба кор даромад.

Тавассути портали «mycoal.uz» равандҳои муайян кардани эҳтиёҷи аҳолӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва муассисаҳо дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва интиқоли ангишт пурра амалӣ шуданд. Дар ин росто ба аҳолӣ 1,4 ҳазор тонна, ба ташкилотҳои буҷетӣ 640 ҳазор тонна ва муассисаҳои ШДБХ 240,8 ҳазор тонна интиқоли ангишти маҳаллӣ дар назар аст.

Таъминоти ташкилоту муассисаҳои давлатӣ бо сўзишвории ангишт аз моҳи апрели соли ҷорӣ оғоз ёфта, аҳолӣ аз моҳи июл таъмин хоҳанд шуд.

Имсол аз ҷониби ҶС «Ўзбеккўмир» истихроҷи 6,8 миллион тонна ангишт ва ба истеъмолкунандагон расонидани 6,76 миллион тонна маҳсулот дар назар аст.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# МАРҲИЛАИ ЯКУМИ ПУРСИШНОМА ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

***Муштариёни рўзнома хабар доранд, ки аз оғози соли 2025 дар саҳифаи расмии рўзномаи «Овози тоҷик» дар мессенҷери телеграм бо мақсади муайян кардани мактабҳои фаъолу пешқадам, таҳкими ҳамкорӣ бо устоду шогирдони боргоҳҳои таълимӣ, инчунин, кумак барои ҳалли мушкилоти муассисаҳои таълими умумӣ таҳти рукни «Аз ҳаёти як мактаб» пурсишнома гузаронида мешавад.***

***Дар муддати сипаришудаи соли равон дар байни ҷамъ 50 мактаби ноҳияҳои Шаҳрисабз (Қашқадарё), Сариосиё (Сурхондарё), Фориш (Ҷиззах), Сўх (Фарғона), Самарқанд (Самарқанд), Сайҳунобод (Сирдарё) ва Нурато (Навоӣ), ки таълим бо забони тоҷикӣ аст, чунин назарсанҷӣ доир гардид.***

Тибқи натиҷаҳо мактабҳои фаъолу пешқадами ноҳияҳо муайян гардида, дар бораи фаъолияти онҳо, дастовардҳои омўзгорон ва донишомўзони боргоҳҳои таълимӣ, ҳамзамон, мушкилоти мактабҳо мақолаҳои пурмуҳтаво дар «Овози тоҷик» рўйи чоп омаданд. Инчунин, чандин навору барнома таҳия гардида, дар саҳифаи рўзнома дар YouTube гузошта шуд.

Аз рўйи муаммоҳое, ки дар мактабҳо ба чашм расиданд, ба ҳокимиятҳои вилоятӣ ва садоратҳои таълими томактабӣ ва мактабии вилоятҳо мактуби расмӣ ирсол гардида, ҳалли баъзе мушкилот таъмин карда шуд ва номаҳои ҷавобӣ низ дар рўзнома чоп шуданд.

Бояд гуфт, ки дар рафти марҳилаи нахустини пурсишнома дар аксар мактабҳои ғолиб, ки бо фаъолияти онҳо ошно шудем, мушкилоти норасоии китобҳои бадеӣ ба чашм расид.

Маҳз бо мақсади бартараф кардани ин мушкил тасмим гирифтем, ки ҳамчун ҷамъбасти марҳилаи якуми пурсишнома дар соли таҳсили 2024-2025 танҳо дар байни мактабҳои фаъолу пешқадами ноҳияҳо дубора назарсанҷӣ гузаронем ва ба мактабҳое, ки ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд, бастаи китобҳои бадеиро тухфа кунем.

Дар пурсишномаи ҷамъбастӣ ба ғайр аз ҳафт мактабе, ки дар марҳилаи аввал пирўз шуданд, ба тариқи истисно мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бўкаи вилояти Тошкандро низ илова кардем. Ин бесабаб набуд. Чунки мактаби мазкур дар сатҳи ҷумҳурӣ ягона маскани таълимие мебошад, ки ба рўзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик» беш аз ҳама – 25 нусха обунаи солона шудааст.

Назарсанҷии ҷамъбастӣ аз 15 май то 22 майи соли равон идома ёфта, дар он ҷамъ 8724 нафар овоз доданд.

Тибқи натиҷаҳои ниҳоӣ, ҷамоаи мактаби таълими умумии рақами 13-уми деҳаи Порашти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах (директор Сарибой Ярашев) бо ҷамъ овардани 2317 овоз ҷойи якумро ба даст оварданд ва ҳамчун мактаби фаъолу пешқадами мамлакат эътироф гардида, ба китобхонаи ин боргоҳи таълимӣ бо тамғаи «Тухфа аз китобхонаи «Овози тоҷик» 100 дона китоби бадеӣ тақдим карда шуд.

Ҷойи дувум ба мактаби таълими умумии рақами 51-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё (директор Диловар Иззатуллоев) насиб кард. Ҷамоаи мактаб 2153 овоз ҷамъ овард ва ба онҳо 75 дона китоби бадеӣ тухфа гардид.

Дар назарсанҷӣ ҷойи сеюмро мактаби таълими умумии рақами 11-уми ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона (директор Ҳабиб Ҷўраев) бо ҷамъ овардани 1819 овоз соҳиб шуданд ва ба китобхонаи ин мактаб 50 дона китоби бадеӣ супорида шуд.

Дар ин раванд, дар байни гурўҳҳои филологияи тоҷики панҷ донишгоҳ, инчунин, гурўҳҳои тоҷикии таълими ибтидоии донишгоҳ ва донишкадаҳои мамлакатамон низ чунин пурсишнома гузаронида, гурўҳҳои фаъолу пешқадамро муайян кардем. Бахшида ба фаъолияти гурўҳи ғолиби филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омўзгории Чирчиқ саҳифаи махсус нашр шуд ва мақола дар бораи гурўҳи пирўзи таълими ибтидоии Донишкадаи педагогии Ўзбекистон-Финландия дар дасти чоп аст.

Бояд гуфт, ки гузаронидани пурсишнома натанҳо барои таҳкими робитаи байни рўзнома ва муштариён хидмат кард, балки баҳри дарёфти истеъдодҳои нав, дастгирии эҷодкорони ҷавон, ҳавасманд намудани онҳо ба адабиёт, матбуот ва эҷод, инчунин, афзудани теъдоди корбарони саҳифаҳои рўзнома дар телеграм ва YouTube мусоидат кард.

Вақте ба рақамҳо диққат мекунем, аён мешавад, ки ҳангоми оғози пурсишнома теъдоди корбарони саҳифаи телеграмии рўзнома ҳамагӣ 1000 нафар буданд. Инак, ҳоло шумораи онҳо аз 20 ҳазор нафар афзудааст. Муштариёни мо дар YouTube низ бамаротиб зиёд гардиданд ва умед дорем, ки минбаъд низ бо дастгирии хонандагон сафи онҳо боз ҳам меафзояд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада пеши худ аҳд кардем, ки ин иқдоми некро минбаъд давом дода, дар байни дигар мактабҳои тоҷикии мамлакатамон низ пурсишномаҳо гузаронем. Ҳамкориро бо боргоҳҳои таълимӣ, бахусус, бо муштариён беш аз пеш вусъат диҳем.

# ТУҲФАИ 100 ДОНА КИТОБИ БАДЕӢ БА МАКТАБИ ҒОЛИБ

***Дар назарсанҷӣ, ки бо мақсади муайян кардани беҳтарин мактаби тоҷикии мамлакат дар саҳифаи расмии рўзномаи «Овози тоҷик» дар телеграм гузаронида шуд, ҷамоаи мактаби таълими умумии рақами 13-уми деҳаи Порашти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ғолиб шуд.***



Омўзгорон ва шогирдони мактаб таҳти сарварии директор Сарибой Ярашев дар пурсишнома 2317 овоз ҷамъ карда, ҷойи якумро ба даст оварданд ва ба унвони мактаби фаъолу пешқадами мамлакат сазовор гардиданд.

26 майи соли равон мухбири рўзнома дар вилояти Ҷиззах Ўзбакбой Раҳмонов ба ин мактаб рафта, 100 дона китобҳои бадеиро бо тамғаи «Туҳфа аз китобхонаи «Овози тоҷик», ки барои ҷоизадори ҷойи якум пешбинӣ шуда буд, ба мудири китобхонаи боргоҳи таълимӣ Малик Назаров супорид.

– Мактаби мо дар марҳилаи аввали пурсишнома дар байни мактабҳои тоҷикии вилояти Ҷиззах ғолиб шуда, дар бораи он дар шумораи 23-юми рўзнома мақола таҳти унвони «Порашт бошад макони аҳли фарҳанг» чоп гардид, – гуфт ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию маърифатӣ Рамазон Азизов. – Дар марҳилаи ҷамъбастӣ низ ҷамоаи мактаб ва аҳли деҳа аз як гиребон сар бароварда, сарҷамъона ҳаракат кардем ва пирўзиро ба даст овардем. Албатта дар ин раванд мардуми деҳаҳои ҳамсоя, фарзандони ҳамин кўҳпоя, ки ҳоло дар гўшаву канор ҳастанд, моро дастгирӣ карданд, ки барои ин сипосгузорӣ менамоем. Ин иқдоми рўзнома барои ҳалли як мушкили мактаб – норасоии китобҳои бадеӣ хидмат кард. Умед дорем, ки дар оянда низ таҳририяти рўзнома боз ба чунин ташаббусҳо нек даст мезанад, озмуну аксияҳои гуногун ташкил мекунад.

**«Овози тоҷик».**

Ёдбуд

# «ҲАҚҚИ УСТОД АЗ ПАДАР БЕШ АСТ...»

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Яке аз фарзанди фарзонаи Самарқанд, нависандаи хушбаён, тарҷумони моҳир, луғатдони нуктасанҷ, устод Ҳасан Ирфон 125-сола шуд. Ин марди пуркору заҳматкаш, хоксору ҳалим тамоми умри бобаракати хешро ба хидмати адабиёт ва матбуоти тоҷик бахшидааст. Вай мисли дигар ҷадидони насли куҳансол ҳамқадаму ҳамнафас, ҳамкору ҳамқисмати устод Садриддин Айнӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода, Абдуқаюм Қурбӣ, Саидризо Ализода, Вадуд Маҳмудӣ, Обид Исматӣ, Тамҳид, Раҳматуллоҳ Исматзода ва дигарон буд.

## ТО НАКӮШӢ, НАБОШАД ЗАФАР

*Мебош ба ҷидду ҷаҳд дар кор,*
*Домони талаб зи даст магзор.*

Устод Ҳасан Ирфон аввал дар мадраса, сипас дар дасти асосгузори усули нави таълим дар мактабҳои тоинқилобии тоҷик, муаллими пухта ва дилсӯзи миллат Абдуқодир Шакурӣ таълиму тарбия гирифт. Вай аз хурдсолӣ бо хотираи мустаҳкам, қатъият диққати устодонро ба худ кашид. Ӯ солҳои таҳсил ва бачагии худро дар романи тарҷумаиҳолии хеш – «Кулбаи косибон» бо маҳорати баланд тасвир кардааст.

Аммо афсӯс, ки роҳи ба майдони адабиёт омадани ӯ пурра равшан нест. Сабаб он аст, ки қисми дуюми «Кулбаи косибон» дар нашриёти Тоҷикистон гум шуда буд.

Ҳасан Ирфон дар 16 солагӣ қиссаи «Робинзон Крузо»-и Даниэл Дефоро хонда, аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Дертар вай бо таъсиру дастгирии устоди бузурги адабиётамон – Садриддин Айнӣ, ки дар шинохтани истеъдоди шогирдон маҳорати баланд дошт ва ҳамеша онҳоро зери қаноту назорат мегирифт, ба кори тарҷума пардохт. Замоне, ки Ҳасан Ирфон дар рӯзномаи навтаъсиси «Овози тоҷик» ходими адабӣ ва тарҷумон буд, бо салоҳдиди Устод Садриддин Айнӣ ҳар ду аз Самарқанд ба Тошканд барои овардани коғаз азми сафар кардаанд. Раҳматӣ Ҳасан Ирфон дар бораи ин саргузашти аҷиб хотираи шавқангезу хонданибоб навиштааст.

Инҷониб ба шарофати шогирдӣ ва ҳамкорӣ аз файзи суҳбатҳои дилнишин, насиҳати падарона, хотираҳои шавқангез, маслиҳатҳои муфид, рафтору гуфтори ибратбахш ва хосатан асрори сухан баҳраманд гардидам.

Ҳарчанд аз вафоти устоди сахтгиру меҳрубон, дилёбу дарёдил, хушгуфтору хушрафтор, саховатманду хайрандеш беш аз ним аср сипарӣ гардидааст, дуои «бад»-и ӯ, яъне «чун ман нависанда шав»-ро ба хотир оварда, бо табъи болида мехоҳам бо қалами кунди худ сухане бар сухане зам кунам.

## ВОХӮРИИ ТАҚДИРСОЗ

*Ҷавонӣ бар сари кӯч аст,*
*дарёб ин ҷавониро,*
*Ки кас ҳаргиз намебинад,*
*дубора зиндагиро.*

Тирамоҳи соли 1970, баъди бозгашти камина аз адои хидмати ҳарбӣ, барои муборакбодӣ хешу ақрабо, дӯстону ҳамдеҳагон меомаданд. Мо ҳамчун соҳиби хона меҳмононро дар таги дар пешвоз гирифта, гусел мекардем. Ногоҳ марди ношиноси тахминан 60-70-сола, ки дар сар тоқии чустӣ, дар тан шиму костюми сиёҳи тозаю озода ва дар даст асо дошт, солор қадам партофта, ба сӯйи ҳавлии мо омад. Бомаданияту донишманд ба назар ҷилва мекард.

– Ҳа, нашинохтӣ? – аз нигоҳам рамуз гирифта пурсид падарам.

Китф дарҳам кашида, ба маънои инкор сар ҷунбондам.

– Ҳасан Ирфон,– пичиррос зад падарам,– дар деҳаи ҳамсоя зиндагӣ мекунанд. Адиб, тарҷумон.

Рости гап, тақдир маро то ҳол бо адибон рӯ ба рӯ накарда буд. Шояд аз ҳамин сабаб дасту по хӯрда, бо меҳмон вохӯрӣ намуданро фаромӯш кардам.

Меҳмон паси миз нишаста омин кард, баъд ба суроғи аскар – камина афтод. Вуҷудамро изтироб фаро гирифт, зеро дар назди ман нависандаи тоҷик, тарҷумони маъруф Ҳасан Алихонович Мамадхонов менишаст, ки бо тахаллуси «Ирфон» маълуму машҳур буд. Ба назди ӯ рафтам ва даст ба сари сина гузошта, дубора салом додам. Меҳмон аз ҷой хеста, самимона дастамро фишурд.

– Боракалло, боракалло,– гӯён ба китфонам навозишкорона тап-тап зада, аз паҳлӯяш ба нишастан ҷой нишон дод.

Ҳасан Ирфон одами хоксор, суҳбаторо ва дилкушоду дидадаро будааст. Ман бо диққат ба симои ӯ нигаристам: пешонаи фарох, чашмони каме фурӯрафта, бинии теғадор ва рӯйи дароз дошт. Лабонаш моили табассум буд. Бо забони содаву равони адабӣ, ки лаҳҷаи беолоиши Самарқандро ба ёд меовард, сухан меронд. Гоҳе ҳазлу мутоибаро ба авҷи аълояш мерасонд.

Он рӯз Ҳасан Ирфон дар хонаи мо хеле нишаст. Дигар меҳмонон ҳам аз суҳбатҳои мароқангези ӯ дил канда наметавонистанд. Одамон баъзе чизҳоро мепурсиданд, вай бо тамкин, пурраву ҳаматарафа, бо далелҳои раднопазир ҷавоб медод.

Пас аз маърака ман ӯро то хонааш ҳамроҳӣ кардам. Маълум шуд, ки вай чанде пеш аз хонаи писараш, ки дар шаҳр буд, ба хонаи духтараш – Зебо кӯчида будааст.

Ҳасан Ирфон аз вохӯрии нахустин дар дили ман нисбат ба худ меҳру муҳаббати беандоза бедор кард. Ин буд, рӯзе хоҳарам Кибриё хабар расонд, ки ӯ дар ҷустуҷӯйи котиби шахсӣ аст. Ман, ки ташнаи дидору суҳбати Ҳасан Ирфон будам, зуд ба ин кор розӣ шудам.

## МАКТАБИ ЭҶОДИИ УСТОД

*Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Адиб дар хоначае, ки тахминан се бар чор метр масоҳат дошту таги дарвоза, дар шафати ошхона воқеъ буд, зиндагӣ мекард. Ҷиҳози хона ҳамагӣ аз як кат, мизи корӣ ва ду-се курсӣ иборат буд. Дар болои кати хоб сурати марди бадқавоқу туршрӯ, ки дар болои асп нишаста, хашмгинона лаҷоми онро мекашид, овезон буд. Аз нигоҳи тунду тезаш дили кас ба ҳарос меафтод.

– Ҳа, шумо ҳам тарсидед? – аз таваҷҷуҳи ман ба расм пай бурда, бо табассум пурсид вай.– Дар ҳаёт ҳамин хел одамон мешаванд. Ин падари ман аст. Боре ӯ ҳангоми аз хамгашти кӯча гузаштан бо зани ҳомила рӯ ба рӯ омадааст. Падарам тавре нигоҳ мекунад, ки ҳамон лаҳза дард мегирадаш. Ман ин воқеаро дар повести «Дуёр аз ду диёр» тасвир кардаам. Вай хандид, табассумаш ширину дилчасп буд.

Он рӯз маро бо тарзи кор шинос кард.

– Агар бо ман кор карданӣ бошед,– ниҳоят гуфт вай,– аз гапу рафторам наранҷед. Синни ман ба ҷое расидааст у асабҳоям хеле суст шудаанд. Баъзан гапи пасту баланд занам, қаҳратон наояд. Агар мани пирамардро азоб надода, гуфтаамро иҷро кунед, савоб мегиред. То шумо як ҷавон омад, пояш бадбӯ будааст. Чанд ҷуфт ҷуроб харида додам. Хафа шуда гурехта рафт.

Рӯзи дигар ба кор шурӯъ кардем. Вазифаи котиб аз хондани матни русӣ иборат буд. Вай бодиққат ба хониши ман гӯш медоду сипас ба тоҷикӣ мегардонд ва бо овози баланд ҷумларо мегуфт. Баъди навишта шудан, ман ҷумларо мехондам. Ӯ мешуниду боз таҳрир мекард. Ба ҷойи як калима калимаи дигар меёфт. Кӯшиш мекард, ки ҷумлаҳо мисли оби равон хонда шаванд, забон дар ягон ҷойи матн «дакка» нахӯрад.

Ин кор хеле заҳматталаб буд. Тааҷҷубовар, вале бо вуҷуди пирӣ, заррае ба худ ва кори тарҷумонӣ бемасъулият набуд.

Солҳои 70-ум Ҳасан Ирфон асари сегонаи М. Горкийро аз сари нав ба чоп омода месохт. Ин асарҳо соли 1933 ба тоҷикӣ тарҷума шуда буданд. Аз байн қариб 40 сол сипарӣ шуд ва он ба таҳрири нав эҳтиёҷ дошт. Дар Душанбе кадоме аз кормандони нашриёт хостааст, ки ин корро ба сомон расонад, аммо аз ӯҳдааш набаромадааст ва маъмурият маҷбур шудааст, ки барои иҷрои ин вазифаи масъулиятталаб ба худи тарҷумон дубора муроҷиат кунад.

Он солҳо дар рӯйи мизи кории мо асар ба ду забон – русӣ ва тоҷикӣ меистод. Луғати русӣ – тоҷикӣ, фарҳанги забони тоҷикӣ, луғати тафсирии чорҷилдаи Ожегов, Дал, Борхударов, қомусҳои зиёди соҳавӣ ва ғайра дар ихтиёри мо буданд. Ҳасан Ирфон аҳён-аҳён аз онҳо истифода мебурд. Ҳофизаи қавӣ дошт. Аксари калима, ибораҳои душвор ва ҳатто мақолҳоро бе ёрии фарҳангҳо тарҷума мекард. Ҷумлаҳои М. Горкий



мураккаб, пурмаъно буданд, адиб услуби хоси навиштро дошт. Ҳасан Ирфон аз онҳо завқ бурда, кӯшиш менамуд, ки тарҷумаи тоҷикӣ хуб сурат гирад.

## ҲУНАР АЗ ДОНИШ, ДОНИШ АЗ ХОНИШ

*Тан ба дуди чароғу бехобӣ,*
*Наниҳодӣ, ҳунар куҷо ёбӣ?*

Кадоме гуфта будааст, ки тарҷумон аз нависанда фақат бо номаш фарқ мекунад. Шояд ин маънои онро дорад, ки тарҷумон бояд истеъдоди нависандагӣ низ дошта бошад.

Раҳматӣ Ҳасан Ирфон кӯшиш ба харҷ медод, ки мухлиси каломи бадеъ тарҷумаро чун асари ба тоҷикӣ иншошуда хонад ва аз он ғизои маънавӣ гирад. Ба дараҷаи кофӣ донистани ҳар ду забон, роҳ надодан ба шитобкорӣ, аҳамият додан ба нозукиҳои услуби адиб, мазмуну мундариҷаи калимаро ёфтан хусусияти табиии ӯ буд, ки тарҷума чун асари аслӣ, мутолиа карда мешуд.

Маълум аст, ки забони русӣ, чун тоҷикӣ қонуну қоида ва воситаҳои ифодаи худро дорад. Бинобар ҳамин мутарҷим ҳар як ифодаи ҳаммаъно ва мувофиқро дар забони тоҷикӣ пайдо карда метавонист.

Санъати баланди тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар сегонаи Максим Горкий («Бачагӣ», «Дар байни мардум», «Дорулфунунҳои ман»), «Чӣ бояд кард?»-и Н. Чернишевский, «Ситораҳо дар осмони Самарқанд»-и С.Бородин, «Мактаби ҳаёт»-и Собит Муқанов, «Бачаҳои капитан Грант»-и Жюл Верн, «Спартак»-и Р.Ҷовалонӣ ва даҳҳо намунаҳои беҳтарини адабиёти ҷаҳон ҳувайдост. Ӯ дар ҷараёни кор аз ҳаёти талхи худ лавҳаҳои аҷоибу ғароиброн нақл мекард. Зиндагии ӯ мисли қаҳрамонони асарҳои «Модар», «Дар байни мардум»-и М.Горкий вазнину тоқатфарсо гузаштааст. Онро ҳангоми мутолиа аз китоби ӯ «Дар кулбаи косибон» низ фаҳмидан мумкин аст.

Аввалҳо ӯ дар бораи вазъияти сиёсии мамлакат эҳтиёткорона сухан меронд. Вақте ки радиои Лондонро мешунавид, ҳаракат мекард, ки мо аз он воқиф нагардем. Ин кор дер тӯл накашид. Вақтҳои охир мо чун бобову набера ба ҳам наздик шуда будем. Гоҳе розӣ дилашро ба ман мегуфт. Баъзан моро ба шунидани бахши форсии радиои хориҷӣ таклиф менамуд. Чизеро, ки гӯянда мехонду мо намефаҳмидем, маънидод мекард. Он солҳо дар олами адабиёт номи адиби шӯравӣ Александр Солженитсин вирди забон буд. Ин нависандаи номдорро барои чанд асараш аз Ватан ронда буданд.

Ҳамон солҳо маҳз аз Ҳасан Ирфон дар бораи адибони ҳақгӯй ва ҳақнавис чун Солженитсин, Борис Постернак, Фитрат, Усмон Носир, Абдулло Қодирӣ шунида будем, ки акнун дар бораи онҳо матбуоти даврӣ бисёр менависад.

Баъзе лаҳзаҳои айёми бачагӣ, саводомӯзӣ ва фаъолияти меҳнатии ӯ дар китоби «Ду ёр аз ду диёр» ва «Дар кулбаи косибон» бо маҳорати баланд тасвир ёфтаанд. Вале бисёр саҳифаҳои ҳаёти ӯ нонавишта монд. Вай қисми дуюми романи худро навиштан мехост. Аз он бо хотири мушавваш баъзе пораҳоро ба мо нақл менамуд.

Солҳои 1937-1938 дар Самарқанд беасосу бегуноҳ шахсони бомаърифату фозилро ба ҳабс гирифтаанд. Ҳасан Ирфон низ аз он таъқибҳо эмин намонд. Боре нисфи шаб дари ҳавлии вай тақ-тақ шуд.

– Кӣ? – пурсид соҳибхона.

– Ман, – овоз дод касе, – аз милисахона омадам, ба шумо кор дорам.

– Пагоҳӣ биёед, – гуфт Ҳасан Ирфон.

– Не, ҳозир ба шумо гапи зарур дорем, – қатъӣ талаб намуд нозири ноҳия. – Як дақиқа вақтатонро мегирем.

Соҳибхона ноилоҷ дарро кушод. Чор кас якбора ба ӯ дарафтода, дасташро ба ақиб тоб дода бастанд ва ба фойтун шинонда сӯйи НКВД burданд.

– Барои чӣ маро ба ин ҷо овардед? – бо хашму ғазаб пурсид вай.

– Гӯё худат намедонӣ, – писханд зад марди рус, ки вазифаи муфаттиширо ба ӯҳда дошт. – Агар ба гуноҳат иқрор шавӣ, ҳозир ҷавоб медиҳем.

– Ба кадом гуноҳам иқрор шавам? – ҳайрон шуд ӯ.

– Ба марди фозилу доно монанд ҳастию боз худро ба гӯлӣ мезанӣ? – муфаттиш гӯё мазоҳ мекарда бошад, даҳонашро инҷ намуд. – Биё, ба мақсад гузарему якдигарро азоб надиҳем.

Ҳасан Ирфон бо тааҷҷуб ба муфаттиш чашм дӯхт. Вай ба ин марди барзангӣ, ки қиёфаи макоронае дошт, чӣ гуфтанашро намедонист.

– Бародар, гап ҳамин, – ниҳоят ба мақсад гузашт муфаттиш. – Ту кай боз ба Эрон маълумот мефиристӣ? Дар корҳои ҷосусӣ ба ту боз киҳо кӯмак мекунанд?

– Чӣ? – аз ҳайрат дасту по гум кард Ҳасан Ирфон. – Ман ҷосуси Эрон ҳастам?! Аз тухмат кардан наметарсед?

Пурсишу истинтоқ қариб 8 соат идома ёфт. Ҳамин, ки муфаттиш «маълумот»-ҳои дилхоҳашро гирифта натавонист, ӯро ба утоқи хурдакаке, ки ҳатто илоҷи нишастан набуд, ҳабс карданд. Ин гуна пурсуҷӯ 16 шабонарӯз давом кард. Ҳамин, ки Ҳасан Ирфон аз ҳол рафта меафтид, бо занҷир ё қундоқи милтиқ зада, боз ба по рост мекарданд. Муфаттишон ҷон меканданд, ки гуноҳеро ба ӯ часпонда, ҳабс кунанд.

– Бо Садриддин Айнӣ чаро ба Тошканд рафтӣ? – ниҳоят пурсид муфаттиш.

– Барои коғаз рафта будем.

Он солҳо барои нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» дар матбааи Самарқанд коғаз набуд.

– Чаро дар роҳ бо вакилони Афғонистон ҳамсуҳбат шудӣ?

– Аввал ин, ки поезд дар роҳ монд, – ба фаҳмондан пардохт Ҳасан Ирфон. – Дуюм ин, ки сафири Афғонистон устодро мешинохтааст.

– Садриддин Айнӣ ҳам бо Эрон ҳамкорӣ мекунад? – пурсишро давом дод муфаттиш.

– Инро аз худи ӯ пурсед, – қаҳраш омада гуфт Ҳасан Ирфон.

Ӯро 2 солу 8 моҳ дар ҳабсхона нигоҳ доштанд. Хеле ҳаракат карданд, ки «ҷосусияш»-ро ба гардан гирад, лекин ба вай часпондани ин тухмат муяссарашон нашуд.

Вай дар маҳбас аз олами берун хабаре надошт. Аҳли оилааш хӯрок оранд ҳам, насибаш намегашт. Дар як ҳуҷраи хурдакак то 30 касро нигоҳ медоштанд. Ҳасан Ирфон бо ақлу заковат, донишмандӣ, дар байни маҳбусон эҳтиром пайдо кард. Аз вай баъзеҳо тадбири хоб мепурсиданд, маслиҳат мегирифтанд, гуфтаҳои ӯро иҷро менамуданд. Ихлоси дигарон ба ӯ меафзуд. Аҷибаш дар он буд, ки мусулмонон ӯро «эшон-бобо» гӯянд, русҳо «дед» гуфта, муроҷиат мекарданд.

Ӯро ба Русия, ба яке аз ҳабсхонаҳои машҳури – Владимир фиристоданд. Дар он ҷо маҳбусонро ба дарахтбурӣ маҷбур мекарданд.

Чашмони ӯ хира медиданд ва чанд маротиба болои пояш чӯб афтид. Маҳбусон донишмандӣ, равшанфикрии ӯро пай бурда, аз корҳои вазнин озод намуданд. Бар ивазаш хоҳиш мекарданд, ки чой ҷӯшонда, ҳикояҳои аҷиб гӯяд. Дар бадали чанд моҳ ба онҳо ҳар рӯз як ҳикояи таъсирбахш мегуфт, ки сомеон бо диққати том гӯш мекарданд.

Ниҳоят бегуноҳии ӯ тасдиқ шуд, аз ҳабс озод карданд. Мутаассифона, падарарӯсаш маърифатпарвари машҳури тоҷик, аввалин муҳаррири маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб», нависанда ва тарҷумон – Саидризо Ализода аз шиканҷаҳо дар ҳамин ҳабсхона аз олам даргузашт.

Ҳасан Ирфон дар бораи азиятҳои худ 18 саҳифа шикоят навишта, ба назди роҳбарони шуъбаи амнияти давлатии шаҳри Самарқанд бурд. Шахсе, ки Ҳасан Ирфонро қабул кард, баъд аз хондани шикоят, самимона ӯро ба оғӯш кашид ва тасаллӣ дод: «Ман ҳамчун инсон шуморо мефаҳмам, – худатон замонаро беҳтар аз ман медонед»...

Мо бештар ду кас кор мекардем. Агар ман то пешин бо Ҳасан Ирфон ҳамроҳ бошам, баъди пешин шарикам меомад. Баъзан хоҳарам Кибриё низ ёрӣ медод.

– Саргузаштатонро нависед,– боре пешниҳод намудам ба ӯ.– Китоби зӯр мешавад.

– Кӣ чоп мекунад, бачаҷон? – гуфт ӯ бо тамасхур.– Барои нашри романи «Дар кулбаи косибон» чӣ қадар хуни ҷигар хӯрдам, танҳо ба Парвардигор аён.

Нигоҳи ҳамсуҳбати ман ба нуқтаи номаълум дӯхта шуд.

– Шери бобош,– бо таассуф фикри хешро идома дод Ҳасан Ирфон, – агар кас беадолатиҳоро мушоҳида кунад, аз сараш гузаронад, аз навис-навис ҳам дилаш хунук мешавад. Охир саҳифаро сиёҳ намудан худ аз худ намешавад:

*Ҳар кӣ сухан бар сухане зам кунад,*
*Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад.*

## ДУОЯШ МУСТАҶОБ ГАРДИД

Ҳасан Ирфон марди хайрхоҳу нексиришт, интизомдӯсту интизомталаб буд. Вай ҳар корро пухта ва аз таҳти дил иҷро мекард. Ҳеч гоҳ ба касе гапи сахту дурушт намегуфт. Агар асабонӣ шавад, «хонахамир» ё «хонаат пури гандум шавад» гуфта, дуо мекард. Маданияти баланд, ҷаҳонбинии васеъ, муносибати хеле зарифона ва назокати ӯ касро мафтун месохт.

Ҳасан Ирфон бо Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва бисёр адибони шинохта мукотиба дошт. Дар арафаи идҳо даҳҳо табрикнома менавишту аммо аҳён-аҳён ҷавоб мегирифт. Ман, ки баъзан матни онҳоро менавиштам, аз ин беэътиборӣ ба ғазаб омада, эътироз баён менамудам.

– Ҳой, хонетона гандум зер кунад,– мегуфт вай. – Наход нафаҳмӣ, ки ман одами одӣ ҳастам. Барилова, мансаби калон надорам. Охир, ҳамчун инсон бояд дигаронро табрик созам ё не?

– Салом ҳам, алейк ҳам қарз,– фаҳмонданӣ шудам ман.– Синну соли шумо ҳам ба ҷое расидааст, чанд китобатон чоп шудагӣ.

– Ҳой, хонахамир, – бо як оҳанги мазаммату навозиш боз ба фаҳмондан шурӯъ менамуд ӯ,– чаро ту маро ин қадар болобардор мекунӣ? Ман мисли ту як одами одӣ.

Устод чанд лаҳза сукут варзид. Шояд он лаҳза гирдоби хаёлот ӯро ба куҷое бурд, ки нобаҳангом сар бардошт ва маҳзун гуфт:

– Илоҳӣ, мисли ман нависанда шавӣ, китобҳоят чоп шаванду лекин чун ман дар 70-солагӣ танҳою ғариб намонӣ. Кору борат фақат нависнавис гардаду ин гапҳои маро ба ёд орӣ...

Ҳоло ҳар гоҳ қалам ба даст гирам, дуоҳои ӯро ба хотир меорам. Аз он хушҳол ҳастам, ки рӯзгоре дар тарбияи инсоне донишманд, ҷонсӯзи адабиёт, ҷафокаши замони ҷаҳолату истибдод, камбизоат, вале ҳимматбаланд, сухандону сухансанҷ, дилёбу дарёдил, худотарсу савобталаб будаам.

Барои худситоӣ не, дар омади гап таъкид карданиям, ки мо чанд нафар шогирдон барои поси хотири ӯ кӯшиш ба харҷ дода, дар гузари Чорраҳаи Самарқанд, дар назди ҳавлиаш лавҳаи ёдгорӣ гузоштем. Ҳар сол 20-уми июн ба қабристони Шоҳи Зинда меравем ва ояте аз Қуръони Карим тиловат карда, ба рӯҳи покаш мебахшем. Зеро ӯ соли 1973 дар ҳамин ҷо ба хоби абадӣ рафта буд.

Умед дорем, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон китоби шавқангези ӯ – «Дар кулбаи косибон»-ро бознашр карда, табъи мухлисони каломи бадеъро болида месозад. Оре:

*Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,*
*Чӣ ғам гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Аввалин вохӯрӣ ва шиносоиамро бо апаи Ӯғилой ростӣ дар ёд надорам. Зеро аз ин солҳо сипарӣ шудааст. Аниқтараш на кам аз 30 сол мешавад, ки бо ӯ шинос ҳастам.***

# ЗАНЕ, КИ МОДАРАШ ЧУН МАРД ЗОДАСТ

Ӯ аз аксар шахсони эҷодкоре, ки ман мешиносам билкул фарқ мекунад. Дидаам бисёр эҷодкоронеро, ки дар боби одаму одамгарӣ ҳарф мезананд, вале худ аз ин кӯча боре ҳам нагузаштаанд, аз ҳалимӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ сухан гуфтаанду вале худ беҳад дағал, дурўштгуфтор ва басе мағруранд, аз садоқат, меҳру муҳаббат, сидқу вафо бо эҳтирос гап мезананду дар асл худ аз чунин фазилатҳо фарсаххо дуранд, аз боби забону миллат, худшиносӣ лофи беҳад мегӯянду сина мекӯбанд, ки «ман ҷони худро дар ин роҳ қурбон мекунам», вале худ ин арзишҳои волову муқаддасро помол месозанду қотили забону миллат мешаванд. Вале Ӯғилой Ҷӯрабоева чунин эҷодкор нест – қавл, лафз ва амалаш якест. «Ҷоннисорам баҳри забону миллат» намегӯяд, вале пайваста месӯзаду ҷон нисор мекунад.

Ӯғилой Ҷӯрабоева 21 марти соли 1954 дар деҳаи Янгибоғи ноҳияи Сариосиё (ҳозира Узун) дар оилаи деҳқон дида ба дунё кушодааст. Дар оилаи онҳо ҷамъ 10 нафар фарзанд ба дунё омадаанд. Ба ваҷҳи он ки то таваллуд шудани Ӯғилой шаш нафар фарзандони волидайни раҳматиаш Ҷӯрабой Ҳасанов ва холаи Раҳима аз тифлӣ вафот мекунанд ба духтари ҳафтумини худ Ӯғил ном ниҳоданд. Ӯ ба номаш зебанда шуд, дар ҳақиқат ҳамчун писар ҷасуру нотарс, баҷуръат ва фидокор тарбия ёфт. Баъди таваллуд шудани ӯ мутаассифона, боз риштаи ҳаёти як нафар фарзанди хонадон канда шуд.

Ҳамин тавр волидайне, ки аз доғи фарзанд қалбҳояшон реш-реш шудааст, ба тарбияи Ӯғилойи хушсурату фариштахӯ эътибори беҳад ҷиддӣ доданд. Ӯ аз солҳои мактабхонӣ мақолаҳо менавишту онҳо дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») чоп мешуданд. Ӯ аз овони мактабхонӣ инҷониб шеър менависад. Устодонаш Ҳикматулло Қодиров, Азиз Қурбонмуродов ва Усмон Тағоевҳо ба ӯ дарси адабиёт ва шеър омӯхтаанд.

Инчунин, ӯ аз хурдӣ ба санъати мусиқӣ низ шавқу рағбат дошт. Дар озмунҳои мусиқӣ фаъол ширкат варзида, борҳо ғолиб гардидааст ва соли 1969 дар озмуни ҷумҳуриявии санъатдӯстони ҷавон, ғолиби озмун дар сатҳи ҷумҳурӣ шудааст. Ҳамин тавр ӯ соли 1970 мактаби рақами 33-юми ноҳияи Узун (ҳозира 12-уми ноҳия)-ро бо баҳои аъло хатм намуд.

Солҳои 1970-1975 дар риштаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил гирифт. Муҳити адабии Тоҷикистон барои дониши комил гирифтани ӯ мусоидат кард. Солҳои донишҷӯӣ низ мақолаву шеърҳояш дар матбуоти даврии Тоҷикистон дарҷ мешуданд. Имкон дошт, ки дар шаҳри азим кору фаъолият, эҷод кунад, вале чунон ки мегӯянд шароиту муҳити оилавӣ садди он шуд. Ӯро лозим буд, ки бо нугоҳубин ва парастории падару модари худ машғул шавад.

## РӮЗНОМАНИГОРИ ВАРЗИДА

Баъди хатми донишгоҳ Ӯғилой Ҷӯрабоева соли 1975 дар рӯзномаи «Сариосиё ҳақиқати» фаъолияти рӯзноманигории хешро ба ҳайси мухбири шуъбаи хоҷагии қишлоқ шурӯъ кард. Кор дар ин шуъба беҳад вазнин буд: алалхусус, барои як зани ҷавону кӯдакдор. Барои омода намудани матолиб саҳро ба саҳрову кӯҳ ба кӯҳ мегашт. Ҳатто баъзан бо тақозои вазифа то шабҳангом ҷойи кор монда, дер ба хона меомад. Дар чунин шароит бо ду фарзанди кӯчак кор кардан албатта мушкилоти зиёд эҷод мекард. Ӯ то соли 1980 дар ин рӯзнома босамар кор кард. Тӯли чанд сол дар соҳаи мактабу маориф фаъолият намуда, аз соли 2016 боз ба фаъолияти рӯзноманигорӣ пардохт. Барои ба чоп омода намудани саҳифаи тоҷикии «Субҳи Боботоғ», ки масъули он духтари рӯзноманигораш Зарина Қурбонова буд, ба кор омад. То соли 2024 дар ин ҷо ройгон ва беминнат кор кард. Дӯст доштани касб, пос доштани забони модарӣ ва меҳру садоқати беандоза нисбат ба миллат ӯро ба чунин фидокорӣ ҳидоят намуд.

Лекин афсӯс, ки зиндагӣ на ҳама вақт бар муроди мо хоҳад буд. Он талхиву ширинӣ, пастиву баландиҳо дорад. Ӯғилой чун падару модари ҷигарсӯхтааш низ ду нафар фарзанди ҷигарбандашро сӯхтаву пухта талаф дод. Соли 2017 Диловар ва соли 2023 духтараш Зебуннисо аз ин дунё реҳлат намуданд. Ғамҳову дардҳои носур қалби шоираро реш-реш намуданд, ки садои қалбу гиряҳои дарунсӯзи ӯро тавассути шеърҳояш метавон идрок кард.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# «ӮРТАТЕПА» – ЧЕМПИОНИ НОҲИЯ

***Дар варзишгоҳи марказии ноҳияи Бӯка мусобиқаи футбол барои Ҷоми Хидмати амнияти давлатӣ баргузор гардид. Дар он дастаи «Олтиш» бо дастаи «Ӯртатепа»-и ноҳия барои пирӯзӣ ва роҳхат ба зинаи вилоятӣ талош варзиданд.***




Дар мусобиқа футболбозони ҳар ду даста ҳунарнамоии хуб нишон доданд ва бозӣ бо ҳисоби 1:0 ба охир расид. Дастаи футболбозони «Ӯртатепа» пирӯзиро ба даст оварданд.

Дар мусобиқа дастаи «Чавлисой» сазовори ҷойи сеюм дониста шуд.

Дар мусобиқаи мини-футбол бошад, дастаи «Янгиҳаёт» ҷойи якумро гирифт, ҷойҳои дуюм ва сеюм ба ҷамоаҳои «Катта-равод» ва «Бунёдкор» насиб кард.

Инчунин, аз рӯйи мини-футбол миёни духтарон, ҷамоаи сектори 3-юм пирӯзиро ба даст овард. Ҷойҳои дуюм ва сеюмро дастаҳои сектори 2-юм ва 1-ум ишғол карданд.

Бешубҳа, мусобиқаҳои футбол ва мини-футбол, ки бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди варзиш, Хидмати амнияти давлатӣ роҳандозӣ гардид, меҳру муҳаббати ҷавононро нисбат ба варзиш бедор намуд. Мусобиқаи мазкур барои муттаҳид намудани ҷавонони бешуғл, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва кашфи соҳибистеъдодҳо хидмат мекунад.

Бояд гуфт, ки дар мусобиқаҳои имсола 92 ҷамоа аз 44 маҳаллаи ноҳия барои баланд бардоштани обруи маҳаллаи худ дар ноҳия кӯшиш карданд.

Ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқа аз ҷониби ташкилотчиён бо Ҷом, диплом, медал ва туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд.

**М.ҚОДИРЗОДА.**

*Вилояти ТОШКАНД.*

# САРНАВИШТИ ЯК СӮХИДУХТАРИ ПАНҶЕКАТӢ



Юлдузхон Ҳусейнхонова зодаи деҳаи Сарикандаи ноҳияи Сӯх аст. Аммо модараш – Зебо аз шаҳри Панҷекат буда, ба Ҳусейнхон Олчиноваи сарикандагӣ расидааст. Апаи Юлдузхон – духтари ӯ бо шавҳараш – Тӯрабек Муродов дар шаҳри Панҷекат зиндагӣ мекунад. Издивоҷи падар бо Зебо ва духтари онҳо бо Тӯрабек Муродов таърихи ба худ хос дорад. Ин ҳама дар меҳвари гузориши мо қарор хоҳанд гирифт.

Ҳар бор ба шаҳри бостонии Панҷекат сафар кунам, албатта ба ҳавлии онҳо саре зада, аз аҳволашон бохабар мешавам ва саломи паёми пайвандони сӯхиву тошкандиашонро ба акои Тӯрабек ва апаи Юлдузхон мерасонам. Зиндагӣ ин зану шавҳарро аз санҷишҳои сахти худ гузаронидааст, бо вуҷуди ин ҳарду сабру қаноат пеша карда, ба хотири духтарону набера ва аберахо бурдборона зиндагии худро давом медиҳанд.

Бароям ҳамеша он нукта мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт, ки чи тавр тақдир вайро бо Тӯрабек Муродов пайвастааст ва ӯ сокини шаҳри Панҷекат шудааст.

Иттифоқ афтод, ки моҳи апрели соли равон зану шавҳар ба шаҳри Тошканд омаданд. Тӯрабек Муродов гуфт, ки мехоҳад аз муоинаи ягон пизишки соҳибтаҷриба гузарад. Барои ҳамин ӯро дотсенти Донишкадаи тиббии бемориҳои кӯдакони Тошканд Баҳодур Одилов, ки фарзанди Сӯхи шариф мебошад, аз муоина гузаронд.

– Дар ҷисму ҷони шумо ягон бемории хавфнок ба мушоҳида нарасид. Баъзе норасоиҳои ҷисмоние, ки ба назари шумо мисли аломати беморист ва шумо аз он нороҳат мешавед, танҳо асорати пиронсолӣ аст. Агар доруҳои навиштаро дар вақташ истеъмол кунед, худро сабук ҳис хоҳед кард, – гуфт Баҳодур Одилов. Аз чунин ранг гирифтани кор Тӯрабек Муродов хеле шоду масрур гардид ва мо бо хотири ҷамъ ба хона баргаштем.

Вақте ки таоми шом хӯрда шуд, апаи Юлдузхонро ба суҳбат кашида, ҷавоби матлаберо пурсидам, ки чанд муддат посухашро меҷустам.

– Падарам – Ҳусейнхон Олчинов баъди хатми факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров) ба ихтиёри шуъбаи маорифи шаҳри Панҷекат фиристода мешаванд. Он касро дар мактаби деҳае директор тайин мекунанд, ки модарам зиндагӣ мекард. Вақте ки ҷанги зидди фашизм сар мешавад, падарам ҳам директор ва ҳам вазифаи ҳисобчии колхозро бар ӯҳда мегиранд ва ду солро ҳамин гуна сипарӣ мекунанд, – гуфт апаи Юлдуз.

Баъд Ҳусейнхон Олчинов азми ба деҳаи худ баргаштанро мекунанд. Аммо дӯстонаш, аз ҷумла Мисоққул Икромов ӯро аз ин райъаш мегардонад ва мегӯяд, ки ҳамин ҷо мемонӣ ва хонадор мешавӣ. Ҳамон солҳо падари шавҳари апаи Юлдуз – Мурод Ўринов прокурори шаҳр шуда кор мекардааст. Бо ташаббуси ӯ ва дӯстони дигар Ҳусейнхон Олчинов ба Зебо ном духтар издивоҷ ва ҳарду дар ҳавлии Ёқуббой Азимов ном сардори бригада зиндагиро оғоз мекунанд.

Ҷанг бо пирӯзии аскарони сурх ба охир мерасад. Аз деҳаи Сариканда аво – Ҳоҷӣ ном амаки Ҳусейнхон ба суроғи ӯ меояд ва мегӯяд, ки ҳамсару духтари худро гирифта, ба назди модар баргардад. То фаворасии таътили тобистона Ҳусейнхон Олчинов сабр мекунад ва баъд ҳамсари худро гирифта ба назди модар меравад. Он замон ба кадрҳои соҳибмаълумот эҳтиёҷ хеле калон будааст. Барои ҳамин бо қарори идораи маорифи вилояти Фарғона Ҳ. Олчиновро мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сӯх тайин мекунанд.

– Соли 1948 ман ба дунё меоям ва падарам номи маро Юлдузхон мегузоранд. Дар ин миён байни хушдоману келин носозӣ пайдо мешавад. Хабари носозии хушдоману келин ба гӯши тағоям – Наҷмиддин Ҳасанов мерасад ва ӯ ба Сӯх меояд. Тағоям мегӯяд, ваъдаву қарор шудааст, ки Ҳусейнхон ва Зебо дар шаҳри Панҷекат зиндагӣ мекунанд, аммо ҳоло мебинам, ки ин ваъдаву қарор ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтааст. Сонӣ модарамро пеш андохта гирифта мебарад. Аммо маро дар Сариканда нигоҳ медоранд. Зеро падарам дар синни 40-солагӣ соҳиби фарзанд шуда, ман фарзанди ягонаи падару модарам будам, – иброз дошт Юлдузхон Ҳусейнхонова.

Ба гуфтаи апаи Юлдузхон модаркалонаш – Бибӣ – Аморат аз рафтани модари ӯ шод мешавад ва Оминахон ном духтари хонаро аз деҳаи ҳамсоя ба писараш–Ҳусейнхон никоҳ карда медиҳад ва хотирҷамъ мешавад.

Ҳамсари дуввуми падарам – Оминахон зани биҳиштӣ буданд. Бо ҳама муносибати хуб мекарданд. Махсусан маро ба ҳеч кас бовар намекарданд ва ҳамеша аз пайи хӯрондану пӯшонданам буданд. Ёдашон гиромӣ ва маъвои охираташон обод бод! – чашмон ликқи об гуфт апаи Юлдуз.

Юлдузхон таҳсилро дар мактаби шаҳри Панҷекат давом дода, соли 1964 ба Омӯзишгоҳи омӯзгории ин шаҳр дохил шудааст ва онро бо дипломи сурх ба фарҷом расонидааст. Баъд дар мактаб муаллими синфҳои ибтидоӣ шуда кор кардааст. Модараш – Зебо ҳанӯз соли 1952 мактаби ҳамширатайёркуниро хатм намудааст ва аз аввалин ҳамшираҳои шафқати зани маҳаллӣ дар шаҳри Панҷекат маҳсуб меёфтааст. Зебо бо касе дубора издивоҷ накардааст ва то дами нафақа дар вазифаи ҳамшираи шафқат фаъолият намудааст.

– Гоҳ-гоҳ падарам аз Сӯх ба аёдати ману модарам омада мерафтанд. Он касро модарам хеле хуш қабул мекарданд. Ман соли 1975 танҳо бо супурдани як имтиҳони қабул ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи педагогии Самарқанд дохил шудам. Тақрибан чаҳор даҳсола фаъолият карда, соли 2014 ба нафақа баромадам. 34 соли фаъолияти кориам дар як мактаб сипарӣ шудааст. Ғайр аз омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик солҳои дароз вазифаи ҷонишини директори мактаб оид ба тарбияро бар дӯш доштам, – мегӯяд Юлдузхон Ҳусейнхонова.

Ӯ соли 1989 барои дастовардҳош дар кори таълиму тарбия ба гирифтани нишони «Аълоии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушарраф шудааст. Дар айни ҳол 17 нафар шогирдони ӯ дар мактабҳои гуногуни шаҳри Панҷекат аз забон ва адабиёти тоҷик сабақ медиҳанд. Гузашта аз ин, рӯзномаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ дар бораи фаъолияти Юлдузхон Ҳусейнхонова чандин матолиби пурмуҳтаво интишор намудаанд ва ӯро ҳамчун омӯзгори соҳибтаҷриба васф кардаанд.

Шавҳараш – Тӯрабек Муродов соли 1972 факултаи химия ва биологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинободро хатм кардааст. Дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 15-и шаҳри Панҷекат ва муассисаҳои дигари таълимӣ муваффақона фаъолият намудааст. Ӯ низ бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

Тақдир зану шавҳар – Тӯрабек Муродов ва Юлдузхон Ҳусейнхоноваро аз санҷишҳои сахт гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, онҳо сабуриро аз даст намедиҳанд ва келину набераҳоро дар атрофи худ ҷамъ карда, ба онҳо дарси ибрат мегарданд. Аз даст додани ду писари ҳузарб – Бахтиёрҷону Ихтиёрҷон барои падару модар дарду ранҷи сахт шуд. Онҳо дар айни авҷи камолот ин дунёро падруд гуфтаанд.

Бахтиёрҷони ронанда аз ғайрифаъол гаштани гурда ҷон ба Ҷонофарин супурдааст ва зану фарзандонашро бесаробон гузошта рафтааст. Ихтиёрҷони техник-технолог ва баъдан мутахассиси «Ориёнбонк», ки ба хастагии ҷигар мубтало шуда буд, ба аёдати пайвандони худ дар деҳаи Сариканда рафта, дигар ба канори падару модар ва зану фарзанд барнагаштааст. Доду фиғони волидайн ба осмонҳо дакка хӯрд ва то мағз-мағзи устухони ҳар шунаванда рафта расид. Аммо фалак кори худро карда буд.

Мегӯянд, ки марги падару модар назди фарзандон меросист. Аммо марги фарзанд барои ҳар падару модар сахту сангин аст. Ин буд, ки бо ҳаёт падруд гуфтани бародарон дили падару модари онҳоро ду бор шикаст, аммо онҳо ба хотири келинҳову наберагон тавонистанд худро ба даст гиранд.

– Ба кори Худованд ҳаргиз шакк овардан намешавад, – мегӯянд зану шавҳар Тӯрабек Муродов ва Юлдузхон Ҳусейнхонова. – Шукр мегузорем, ки додаронам Илҳомҷон, Қуддусхон, Мирзохон, Муқаддасхон Олчиновҳо ва ҷиянҳо аз ҳоламон хабар мегиранд ва ба дардамон дармон мешаванд. Як пои мо – зану шавҳар низ дар Сӯх аст. Ҳар чашну маросим барпо шавад, моро даъват мекунанд. Танҳо ҳамин роҳи рафту омад ба эксклави Сӯх содатар гардад, нур болои нур хоҳад шуд, – меафзоянд онҳо.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Тахти чунин унвон аз 5 то 17-уми июни соли ҷорӣ дар шаш шаҳри Британиёи Кабир фестивали фарҳанг ва таомҳои миллии ӯзбек бо номи «Корвони Ўзбекистон» баргузор мегардад.***

# «КОРВОНИ ЎЗБЕКИСТОН»

Ин чорабинии фарҳангӣ шаҳрҳои калони Эдинбург, Манчестер, Ливерпул, Кардиф, Оксфорд ва Лондонро дарбар мегирад. Дар назар дошта шудааст, ки доираи «Корвони Ўзбекистон» ба меҳмонон таомҳои миллӣ пешниҳод гардида, инчунин Ўзбекистон ҳамчун макони сайёҳӣ муаррифӣ карда мешавад.

Мақсади ин сафари фарҳангӣ намоиш додани имкониятҳои сайёҳии Ўзбекистон дар сатҳи байналмилалӣ, афзун гардондани таваҷҷӯҳи шаҳрвандони Британиёи Кабир ба кишвари мо, инчунин инкишоф додани алоқаҳои фарҳангӣ бо ҷомеаи Британиёи Кабир мебошад.

Ин чорабинӣ аз ҷониби сафоратхонаи Ўзбекистон дар Британиёи Кабир, тарабхонаи миллии «OshPaz» ва ошпази машҳур Баҳриддин Чустӣ роҳандозӣ шудааст.

«Корвони Ўзбекистон» ҳамчунин дар ҷашнвораи «Фарҳангу таомҳои миллии Ўзбекистон», ки 21-22 июни соли ҷорӣ дар маркази таърихии Лондон ва дар назди яке аз ҷойҳои машҳури сайёҳӣ – «Tower Bridge» баргузор мегардад, муаррифӣ карда хоҳад шуд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЛОНДОН.*

# ЭЪТИРОФИ ОИЛАИ НАМУНАВӢ ДАР МАСКАНИ «НУРОНИЁН»

***Ба муносибати таҷлили Рӯзи байналхалқии оила бинои хушсохту замонавии «Нуронийён»-и вилояти Самарқанд ба истифода супурда шуд ва оилаҳои намунавӣ қадршиносӣ гардиданд.***



Дар чорабинӣ иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Адиз Бобоев, раиси хазинаи ҷумҳурии «Нуронийён» Содиқҷон Турдиев, фаъолони нуронийёни шаҳру ноҳияҳои вилоят, вакилони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

Ҳозирон аввал бинои навро аз назар гузаронида, сипас дар толори хушҳавои калону равшан ҷамъ омада, дар анҷумани эътирофи оилаҳои намунавӣ иштирок намуданд.

– Оила – яке аз шоҳасари табиат, ҷамъияти хурдтараки муҷаз аст, – гуфт соҳиби медали «Ибратли оила» аз ноҳияи Самарқанд Дилафрӯз Ҳайдарова, – аммо муҳити солими маънавӣ, анъанаҳои неки миллӣ, тарбияи фарзандону наберагон барои осоиштагӣ ва ибратбахшу лоиқи таҳсину ситоиш гардидани оила нақши муҳим мебозад.

Камина хеле хушҳол ҳастам, ки соҳиби медали «Ибратли оила» шудам, ки он бо ташаббуси сарвари давлатамон таъсис ёфтааст. Кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки таҷрибаи худро дар ноҳия паҳн намоям. Зеро хусад афсӯс, ки солҳои охир баъзе оилаҳои ҷавон зуд вайрон мешаванд ва он мусибат аст барои волидайну ҷамъият.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*
***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

# ЗАНЕ, КИ МОДАРАШ ЧУН МАРД ЗОДАСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

## ОМӮЗГОРИ ФИДОКОР

Ўғилой Ҷӯрабоева солҳои 1980-1982 дар мактаби рақами 62-юми ноҳияи Сариосиё ба ҳайси тарбиячӣ кор кард. Соли 1982 дар деҳа мактаби нави 77 (ҳозира 12) бунёд ёфту дар ин мактаб то соли 1996 ва аз соли 1996 то соли 2004 дар мактаби рақами 14-уми ноҳия фаъолияти омӯзгории худро идома дод. Дар ин муддат шогирдони зиёд, аз ҷумла, як зумра қаламкашони ҷавонро тарбия намуд, ки чанде аз онҳо ҳоло соҳибкитобанд. Дар ҷараёни кор дар сохтори мактабу маориф баробари таълиму тарбияи насли наврас як лаҳза ҳам аз эҷод даст накашид. Дар матбуоти даврии марказиву маҳаллӣ: «Овози тоҷик», «Садои Сурхон», «Бохтар», «Ховар» ва дигарҳо мунтазам шеъру мақолаҳояш низ дарҷ гаштаанд.

Як хидмати бузурги Ўғилой Ҷӯрабоева ҳамчун рӯзноманигор ва омӯзгор дар он аст, ки соли 2013, вақте ду-се нафар низоъангезандагони миллат мактабу синфҳои тоҷикиро бастанд, аввалин шуда садо баланд кард ва барои барқарор кардани мактабу синфҳои тоҷикӣ ҷаспу талош намуд. Ба мактабҳо рафта, дар воҳӯриҳо мардумро ба худшиносӣ даъват месохт ва ин ҳама шукр, ки натиҷаҳои дилхоҳ ҳам доданд. Вале Ўғилой Ҷӯрабоева ҳамеша аз он дар ташвиш аст, ки имрӯзҳо ғуруру ифтихори ҳамзабонон хеле коҳиш ёфтааст, мактабҳо чун пештара симои тоҷикӣ надоранд, ба матбуоти тоҷикӣ майлу рағбат гӯё ки намондааст.

## МАСЛАКИ Ӯ ШЕЪР АСТУ ШОИРӢ

Ҷӯрабоева замоне ба машқи шеър пардохтааст, ки ҳанӯз дар синфи панҷум мехонд. Пас маълум мешавад, ки 60 сол инҷониб бо килки гуҳаррез каломи мавзун меофарад. Навиштаҳояш дар рӯзномаҳои Ўзбекистону Тоҷикистон мунтазам дарҷ мегарданд. «Дилошӯб»-ро дертар ба худ тахаллус интихоб кардааст. То ин дам китобҳои «Рози дил» (2017), «Харгӯшаки гурезпо» (2021), «Садои ошно» (2024), «Сизни соғиндим» (2024), «Дуоба – ту дуогӯям» (2024), бо забони ӯзбекӣ ва тоҷикӣ ва ҳаммуаллифии Аъзамқул Бобоев, «Номаи Ифтихор» (2025) ва бо хати форсӣ ва сириллӣ «Паёми меҳр» ( 2025) рӯйи чопро дидаанд. Соли 2019 китоби нависандаи ӯзбек Абдулло Қаҳҳор – «Анор»-ро тарҷума ва чоп намудааст. Инчунин, романи Ҷавлон Ҷовлиев – «Нотарс»-ро низ тарҷума кардааст, ки дар дасти чоп аст. Ӯ на танҳо муаллиф ва тарҷумони китобҳо, балки муаллифи боз даҳҳо очерк, новелла, эссе, тарона, мақолаҳо ва гирдоварандаи фолклори Дараи Ниҳони ноҳияи Сариосиё мебошад.

Майдони мавзӯоти ашъори шоира хело фарох буда, меҳри Ватан, тараннуми дӯстӣ, ишқи поку беолоиши инсонӣ, дӯст ва пос доштани забону миллат ва дигар арзишҳои миллӣ, тарғиби фазилатҳои неки одамӣ ва мазаммат кардани хислатҳои бади инсонӣ ҷавҳари онро ташкил медиҳад. Ашъораш хело равону самимӣ, фаҳмо, пурмаъно, пурҷозиба ва дардноканд. Ӯ ки худ як зани меҳрубону хоксор, нарму ҳалим, хушсуҳбату хушрафтор, босабру боқаноат, шикастанафсу ботавозӯъ, илму маърифатпарвар, посдори забону миллат аст, дар ашъораш низ ин ҳама баръало эҳсос мегардад.

## РӮНАМОИИ «НОМАИ ИФТИХОР»

Хуб медонем, ки замоне аҳли қалам ҳарчанд суханро ба арши аъло мебардоштанд, вале худ зиндагии ҳақирона доштанду аз эъзозу эътибор дур афтода буданд. Вале имрӯз даврӯ замон дигар шудааст. Алалхусус, дар даврони истиқлол қадршиносии аҳли қалам ба маротиб афзудааст. Мукофоти ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст, гуфтаанд бузургон. Ўғилой Ҷӯрабоева, ки худ як зани қадршинос аст, хушбахтона миёни дӯстону пайвандон, аҳли қалам қадру қимат, обрӯву эътибор дорад. Ҳамоиши адабие, ки дар мактаби мусиқа ва санъати бачагонаи ноҳияи Узун 28 май баргузор шуд, далели гуфтаҳои болост. Аз саҳарӣ саҳни ҳавливу толори ин маскани маърифатӣ пур аз одам буд. Дар маҳфил намояндагони Марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ўзбекистон, вилояти Сурхондарё ва навоҳии Деҳнаву Олтинсой, Сариосиёву Узун, меҳмонон аз ҳар гӯшаву канори Ўзбекистону Тоҷикистон ва ҳама хешу пайвандон, ёру дӯстон, шогирдону мухлисон баҳри қадршиносии як тан аз эҷодкори соҳирқалам сарҷамъ омада буданд. Чеҳраҳои ҳама шукуфон буд аз дидорбиниву суҳбатҳои самимӣ.

Дар ин нишасти адабӣ рӯнамоии китоби тозанашри Ўғилой Ҷӯрабоева – «Номаи ифтихор», ки ба муносибати 70-солагии шоира бо дастгирӣ ва сарпарастии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ўзбекистон рӯйи чопро дид, баргузор шуд. Ровии давра Саидҷон Ҳаев ҳамаро хайрамақдам гуфта риштаи суханро ба муовини ҳокими ноҳияи Узун оид ба корҳои маънавият ва маърифат Шералӣ Шерматов дод. Мавсуф дар сухани ифтитоҳии хеш доир ба дӯстии халқҳо ва муносибатҳои кишварҳои ҳамҷавори Ўзбекистону Тоҷикистон ҳарф зад. Раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳонова сараввал оиди моҳият ва аҳамияти қарори Президенти кишвар «Дар бораи чораҳои ташкили босамари фаъолияти Кумитаи муносибатҳои байнимиллии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва масъалаҳои ҳамватанони хориҷӣ» ҳарф зад. Сонӣ, дар бораи фаъолияти пурсамари омӯзгору эҷодкор Ўғилой Ҷӯрабоева ва се тан адибони зуллисонайни сарзамини Сурхон Истад Қосимзода, Чоршанбе Деҳнавӣ ва Исмат Ҳалим, ки ба қарибӣ дар ноҳияи Деҳнав маҳфили эҷодиашон баргузор шуд, суханҳои самимӣ иброз дошт. Аъзои фаъоли марказ, корманди рӯзномаи «Овози тоҷик», рӯзноманигори варзида ва нависанда Саодат Бекназарова дар бораи муҳити адабии воҳаи Сурхон, анъанаҳои устоду шогирдӣ, ки дар ин муҳит барқарор аст, инчунин мазмун ва муҳтавои китоби «Номаи ифтихор», ки худ дар он муҳаррирӣ кардааст, ҳарф зад.

Зимни суханронии хеш раиси Маркази миллии фарҳангии тоҷикони Сурхондарё, олим Рамазон Абдуллоев иброз дошт, ки доир сохтани ҳар як нишасти адабӣ ё худ қадршиносӣ намудани адибони куҳансолу дастгирӣ намудани қаламкашони ҷавон кори хайру савоб мебошад.

Корманди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии фанҳои Тоҷикистон Анзурат Маликзод, устоди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон Сафаргул Ҳалимиён, эҷодкорони ҷавон Бузургмеҳри Ҳаким (ходими маҷаллаи «Садои Шарқ) ва Насимбек Қурбонзода (корманди ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат») низ зимни суханронии хеш оид ба муносибатҳои ҳарду кишвар, дӯстии халқҳо, алоқаҳои адабӣ суханҳои самимӣ арза доштанд.



Дар нишасти адабӣ яке аз фарзандони обрӯманди воҳаи Сурхон, устоди яке аз донишгоҳои бонуфузи шаҳри Ню-Йорки ИМА Фаррух Фаттоев, ки зодаи ноҳияи Сариосиёст, низ ширкат дошт. Суханронии ин ҷавони соҳибмаърифат, ки ба шеъру шоирӣ низ шавқу рағбати беш дорад, ба ҳозирин ҳузуру ҳаловат бахшид.

Ба соҳибҷашн Ўғилой Ҷӯрабоева ва адибон Истад Қосимзода, Чоршанбе Деҳнавӣ, Исмат Ҳалим, инчунин дастандаркорони маҳфил ташаккурномаву гулдастаҳо ва туҳфаҳои хотирмон тақдим карда шуд.

Маҳфилро ҳофизи хушадо Тоҳирҷон Зокиров, Шамшодбек Боймуродов – набераи сарояндаи мумтоз Боймурод Меликов ва шогирдони мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи ноҳия бо иҷрои суруду таронаҳои дилнишин мазмун ва ҳусни тоза бахшиданд. Маҳфил дар тарабхонаи «Увайс»-и ноҳия дар сари як пиёла чой бо суханрониву сурудхонӣ, рақсу бозӣ идома ёфт.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3708. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.